Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-026 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ17) www/tnu.tj

**Тақриз**

**ба диссертатсияи Азизов Комил Ҷурахонович дар мавзӯи “Фалсафаи ифтихори миллӣ ва давлатдорӣ дар “Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа.**

Диссертатсияи мазкур ба яке аз масъалаҳои муҳими замони муосир бахшида шудааст, ки характери актуалии онро ифтихори миллӣ, худшиносӣ ва давлатдорӣ дар “Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ фарогир аст. Мувофиқи таҳлилҳо муҳиммияти таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки дар “Шоҳнома” на танҳо таърихи сулолаҳо ва тавсифи паҳлавонҳо гирдоварӣ шудаанд, балки дар он сатҳи давлату давлатдорӣ низ баррасӣ гардидааст. Пажӯҳишгарони муосир бар он андешаанд, ки таҳқиқоти “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ дар доманаи таърих мавриди омӯзишу баррасӣ қарор дода шуда бошад ҳам, то кунун самтҳои гуногуни ин асари безавол муайян карда нашудаанд. Омӯзиши андешаҳои Фирдавсӣ имконият медиҳад, ки равандҳои асосии рушди ҷомеа таҳлил карда шаванд, инчунин, замина фароҳам оваранд, ки мушкилоти ҷамъият ва давлату давлатдорӣ низ бо диди нав матраҳ гардад. Дар рисола масоили ҷангу сулҳ, давлату давлатдорӣ, сулҳу амният ва ифтихори миллӣ, ки дар «Шоҳнома» ҳамчун хислати накӯи инсонӣ нишон дода шудаанд, муҳим доништа шуда, бо таҳқиқи хос баррасӣ гардидаанд. Агарчи то кунун паҳлӯҳои гуногуни ин масъала норӯшан монда бошад ҳам, вале таҳқиқи мавзӯи мазкур имконият медиҳад, ки мушкилоти мавзӯоти зикршуда аз нуқтаи назари фалсафӣ мавриди таҳқиқ қарор гирад.

Умуман, проблемагузорӣ ва ҳалли он аз мақсади дар пешгузошташуда сар мешавад, ки онро дар доираи диссертатсияи мазкур дидан мумкин аст. Барои амалисозии мақсади худ, муҳаққиқ вазифадор шудааст, ки чунин масъалаҳои назариявӣ ва амалии мазкурро дида барояд:

- муайян намудани моҳияти мафҳуми “ифтихори миллӣ ва давлатдорӣ”;

-ошкор намудани роҳҳои худшиносии миллӣ ба давлатдории замони муосир;

-нишон додани роҳҳои ватандӯстӣ ва арзишҳои миллӣ.

Бо вуҷуди чунин нақшасозии мувофиқ ба замони имрӯза на ҳамаи паҳлуҳои рисола дар шакли дуруст роҳи ҳалли худро ёфтанд, аммо чунин ҳолат қимати кори илмиро коста намегардонад.

Дар қисми асосҳои назариявӣ ва методологии кор пажӯҳишгар таълифоти илмии олимони ватаниву хориҷӣ оид ба масъалаи мазкур ишора намуда, ҳувияти миллӣ, давлату давлатдорӣ ва худшиносии миллиро дар қолаби илмӣ нишон додан мехоҳад, вале гоҳо аз таҳқиқоти муҳаққиқони ватанӣ сарфи назар мекунад. Асосан таҳқиқот бояд бидуни нишондоди корҳои илмии муҳаққиқони ватанӣ иҷро нашавад, зеро ин раванди аввалиндараҷаи кори муҳаққиқ-олим ба ҳисоб меравад. Вале сарфи назар аз гуфтаҳои боло, диссертант танҳо бо таҳлили таҳқиқоти баъзе аз муҳаққиқони хориҷӣ масоили баррасишавандаи рисоларо дар боби аввал матраҳ кардан мехоҳад.

Азбаски кор дар дараҷаи назариявӣ ҳалли худро ёфтааст, аз ин рӯ, барои диссертант зарур буд, ки аз асарҳои Пешвои миллат, ки дар ин самт хело зиёданд, истифода мебурд. Аз таҳлилҳои муҳаққиқи рисола чунин бар меояд, ки ӯ проблеммаҳои мазкурро баъд аз ба даст овардани истиқлолияти фарҳангӣ дар кишвар аввалин маротиба аз мавқеи фалсафӣ матраҳ намуда, онро дар асоси фаҳмиши фалсафӣ ҳал намудааст. Таҳлили рисола нишон медиҳад, ки самти таҳқиқ фалсафӣ бошад ҳам, вале муҳаққиқ дар бисёр маврид аз услуби адабиётшиносӣ истифода мебарад...

Олим ҳамеша дар ҷустуҷӯи сабаб ва сабабият аст, зеро бо роҳи муайян сохтани сабаб моҳияти натиҷаро дониста мегирад, аз ин рӯ, роҳи матраҳсозии масъала вуҷуд дорад. Экспертизаи илмӣ нишон медиҳад, ки проблема то чӣ андоза донисташаванда аст ва дар асоси он чӣ гуна хулоса ва натиҷа гирифтан мумкин аст. Барои ин хулосабарорӣ бояд бо таҳқиқи илмӣ ифодаи конкретии худро ёфта бошад. Аммо дар рисолаи мазкур чунин ҳолатҳо кам ба назар мерасад, сарфи назар аз он ки дар рисола оид ба навгониҳои илмӣ дар зербобҳо омадааст: а) бо баррасии назарҳои гуногуни илмӣ бори аввал таъсири ғоявии ифтихори миллӣ ва давлатдорӣ ба ҳаёти маънавии ҷомеаи муосири Тоҷикистон мавриди таҳлили илмӣ қарор гирифтааст; б) мазмун ва мундариҷаи ифтихори миллӣ ва давлатдорӣ мавриди таҳқиқи фалсафӣ қарор гирифта, моҳияти мусбати он дар ҳаёти маънавӣ нишон дода шудааст. Ин ва дигар ҷиҳатҳое, ки ҳамчун саҳми шахсии диссертант дар ташаккули дониши илмӣ ба сифати навоварӣ оварда шудаанд, дар масъалаҳои мазкур ҳалли нисбии худро дар контексти проблемаҳои дигар ба хуби ёфтаанд.

Сохтори рисола аз муқаддима, ду боб, панҷ зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Ҳаҷми умумии рисола 155 саҳифаро ташкил медиҳад.

**Боби якум** "Асосҳои назариявӣ-методологӣ ва заминаҳои иҷтимоиву ғоявии афкори Абулқосим Фирдавсӣ" буда, он аз ду зербоб иборат аст. **Зербоби якуми** он "Асосҳои назариявӣ ва методологии омӯзиши давлату

давлатдорӣ ва ифтихори миллӣ" ном дошта, ҳалли худро дар дараҷаи муайян ёфтааст. Диссертант бо такя ба андешаи Фирдавсиро, ки гуфтааст:

"Пажӯҳиш намою битарс аз камин,
Сухан ҳар чӣ бошад, ба жарфӣ бубин.

мафҳуми давлатдориро ҳамчун хусусияти сифатии ҷомеа бо марҳилаи рушди таърихӣ ва унсурҳои институтҳо, ки характери муайяни давлатдорӣ доранд, тавсиф намудааст" (саҳ. 16). Ба ҳамин радиф дар параграфи мазкур диссертант кӯшиш намудааст, ки ба воситаи таърифи мафҳуми "давлатдорӣ" таснифи сохтори онро муфассал бо иқтибосҳо нишон диҳад, аммо аз таълифоти муҳаққиқони ватанӣ дар ин соҳа чизе гуфта нашудааст. Ҳол он ки ҳикмати давлатдории тоҷикон барои дигарон ҳамчун намунаи ибрат сармашқи давлатсозӣ шуда метавонад. Масалан, диссертант дар рисолаи худ ташаккули давлатдориро дар чунин шакл иқтибос меорад: "Давлат дар натиҷаи мухолифатҳои иҷтимоӣ ва ба танзим даровардани он ташаккул меёбад ..., ки дар натиҷа вазифаҳои он мушаххас гардида, ба дохилию хориҷӣ ҷудо мешаванд" (саҳ. 21). Дар ин ҷо мкҳаққиқ назарияи илмиро пешниҳод намудааст, хуб мешуд, ки тарзи амалии онро бо мисоловарӣ аз таҷрибаи давлатдории имрӯзи Ватан баён менамуд. Инчунин, диссертант дар доираи мафҳумҳои ифтихори миллӣ, ватандӯстӣ ва фаҳмиши ватандӯстӣ фикр ронда, барои асосноккунии ин мафҳумҳо аз андешаҳои мутафаккирони даврахои гуногун ба монанди Абулқосими Фирдавсӣ, Холиқи Мутлақ Ҷалол, Сорокин П.А. ва дигарон мисоловарӣ менамояд, аммо ин мафҳумҳоро, ки пайдарпай гузошта баррасӣ кардан мехоҳад, то дараҷаи ниҳоӣ бурда намерасонад. Бо вуҷуди ин проблемаҳои гуфташуда, диссертант зербоби мазкурро мунсифона матраҳ намудааст.

**Зербоби дуюми** ҳамин боб "Таълимоти Авасто ва Зардуштия ҳамчун сарчашмаҳои ғоявии ташаккули ақидаҳои ахлоқӣ ва иҷтимоию-сиёсии Фирдавсӣ" ном гирифтааст. Муҳаққиқ дар ин зербоб ба ривояту асотир, ки ҷанбаи тахайюливу афсонавӣ дар "Шоҳнома" доштанд, таваҷҷуҳ карда, ҳодисаву падидаҳои мухталифе, ки таърихи давлатдории тоҷику форсро фарогиранд, танҳо маълумот медиҳад. Дар аксари ривоятҳои атиқа табиат дар тамсили Худо ё худоён акс ёфта бошад ҳам, қувваҳои некию бадиро дар мубориза бо ҳам тавсиф менамояд.

Омӯзиш ва таҳлили масъалаи мазкурро диссертант бо нишон додани андешаҳои гуногун оид ба китоби муқаддаси Зардуштия Авасто ва қаҳрамонони ин асар пайдарпай тақвият медиҳад. Инчунин, дар ин росто пажӯҳишгар боадолатона аз диди худ душманони тоҷику форс ва лашкаркашиҳояшонро таҳқиқ намуда, забткориҳои онҳоро низ тасвир карда аст. Муҳаққиқ назари Фирдавсиро пай бурдааст, ки пеш аз ҳама ба шакли

давлатсозӣ ва давлатдорӣ мутаваҷҷеҳ аст, ба ҳамин монанд, расму оин, ахлоқ ва анъанаҳои мардумиро бо ҳимматбаландии қаҳрамонҳо тасвир намудааст. Масалан, бардоштани дирафши коваёнии Коваи Оҳангар дар муқобили Заҳҳоки манфур...

Умуман, масъалагузориҳо дар ин зербоб дуруст ба роҳ монда шуда, баҳри баррасии онҳо диссертант кӯшиш намуда бошад ҳам, вале аз “Шоҳнома” ва таҳқиқоти дар ин бора шуда камтар иқтибос овардааст. Дар ин ҷо як нуқтаи муҳимро бояд зикр кард, ки пайвастагии афкор дар ин ду зербоби боби аввал хело хуб мушоҳида мешавад.

**Боби дуюм** таҳти унвони “Таҷассуми давлату давлатдорӣ ва ифтихори миллӣ дар “Шоҳнома”-и Абулқосими Фирдавсӣ” **бо зербоби** “Заминаҳои иҷтимоӣ-сиёсии афкори Фирдавсӣ оид ба давлату давлатдорӣ ва ифтихори миллӣ”, сар мешавад. Диссертант дар ин зербоб кӯшиш намудааст, ки давлатдорӣ ва ифтихори миллиро дар ҷомеаи кунунӣ мунсифона нишон диҳад. Ӯ дуруст қайд мекунад, ки мустақилияти Тоҷикистон фазои фарҳангӣ-илмиро ба вуҷуд овард, ки дар ин замина давлату давлатдорӣ ва ифтихори миллӣ низ ташаккул ёфт. Бояд иброз дошт, ки дар ин зербоб диссертант муборизаҳои таърихии гузаштаи мардуми тоҷику форсро бар зидди аъроб, ки ба ин сарзамин хуҷум намуданд, аз рӯи асари безаволи Фирдавсӣ таҳлил намудааст. Аз ҷумла диссертант қайд мекунад, ки бо як танаффури ошкоро аз номи Рустам – Фирдавсӣ ба ин меҳмонони нохонда чунин мегӯяд:

Зи шири шутур хӯрдану сусмор,
Арабро ба ҷое расидааст кор.
Ки тахти Аҷамро кунад орзу,
Туфу бод, бар чархи гардон туфу.........(саҳ. 73)

Оқибати ин мағлубият, барои эронитаборон ва махсусан тоҷикон ҳамоно дандоншикан боқӣ монда, бо доштани ғурур ва ифтихори миллӣ муҳаққиқи ин рисола тавонистааст, ки худшиносӣ ва давлатдории тоҷиконро имрӯз бо пешрафти назаррас ба ҷаҳониён нишон диҳад.

**Зербоби дуюми** ҳамин боб “Тавсифи сулҳу амонӣ дар “Шоҳнома” чун воситаи ташаккули ифтихори миллӣ ва таъмини амнияти давлату давлатдорӣ” ном дорад. Мавзӯи сулҳу амонӣ дар “Шоҳнома” дар радифи давлату давлатдорӣ ва ифтихори миллӣ яке аз мавзӯоти мубрам ба ҳисоб рафта, диссертант кӯшиш намудааст, ки онро дар таҳқиқоти хеш дақиқан мавриди баррасӣ қарор диҳад. Ба андешеи муҳаққиқи рисола барои ба даст овардани сулҳу субот ва якпорчагии давлати соҳибистиқлол, бонуфуз будани амнияти миллӣ хело муҳим аст. Ӯ ғасби кӯҳандавлати аздастрафтаи тоҷиконро хуб тасвир карда, иброз медорад, ки ҳанӯз аз замонҳои қадим то

кунун ғосибони давлати мо ҳар роҳро дастак намуда, ба ин сарзамин ҳуҷум мекарданд. Аз ин рӯ, аз забони Фирдавсӣ чунин гуфтааст:

На ҷашну на ромиш, на кӯшиш на ком,
Ҳама чораву тундбалу сози дом.
Зиёни касон аз паи суди хеш,
Биҷӯянду дин андар оранд пеш. (саҳ. 124)

Ба чунин тарзи масъалагузорӣ ва ҳаллӣ он розӣ шудан мумкин аст, аммо диссертантро мебояд, ки гуфторҳои хешро бо иқтибосоти дар ин бора таҳлил шуда баррасӣ намояд.

“«Шоҳнома» ҳамчун дастурамал ва асари тарғиботии ифтихори миллӣ ва оини давлату давлатдорӣ дар ҷаҳони муосир” **зербоби сеюм** аст, ки дар он роҳҳо ва усулҳои ташаккул додани ифтихори миллӣ ва оини давлату давлатдорӣ дар ҷаҳони имрӯза баррасӣ шудааст. Масалан, диссертант қайд мекунад, ки дар шароити кунунӣ “омилҳои гуногуне вуҷуд доранд, ки барои муттаҳидии миллат ва пойдории давлату давлатдорӣ таъсир расонида метавонанд. Яке аз ин омилҳо ин адабиёти миллӣ ба шумор меравад, ки ба таърихи давлату давлатдорӣ, ифтихороти миллӣ бахшида шудааст” ва ““Шоҳнома”-и Фирдавсиро як маъхази муҳим мешуморад, ки он паҳлӯҳои гуногуни ҳаёти халқҳои тоҷику форсро.... фарогир аст” (саҳ. 112). Ба чунин фикри муҳаққиқ қисман розӣ шудан мумкин аст, вале омӯзиши оқилонаи “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ метавонад дурнамои ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангиро дуруст кунад. Бояд иброз дошт, ки нуқсону камбудиҳои зикршуда, дар хулосаи кор то дараҷае ҳалли худро ёфтаанд, ки самти муҳими рисола ба ҳисоб мераванд.

Дар **хулосаи** рисола омадааст, ки “Омӯзиши давлатдорӣ, асосҳо ва моҳияти он на танҳо аҳамияти консептуаливу назариявӣ, балки амалӣ низ дорад”. Ин масоил дар хулоса хуб пайгирӣ шудаанд, ба монанди ташреҳи “ватандӯстӣ” ва “ифтихори миллӣ”(саҳ. 112). Умуман, хулоса дуруст аст, вале дар он моҳияти омӯзиши давлатдорӣ танҳо қисман нишон дода шудааст...

Қайд намудан лозим аст, ки мақсад ва вазифаҳои дар назди рисола гузоштаашуда бомуваффақият баррасӣ шудааст. Тартибу низоми рисола ба талаботи илмӣ мутобиқ буда, матни он бо забони шевои илмӣ-фалсафӣ ва адабии тоҷикӣ ифода ёфтааст.

Автореферат ва корҳои нашршудаи муаллиф муҳтавои асосии рисоларо инъикос мекунад.

Дар рисола баъзе камбудиҳо ба назар мерасад, ки онҳоро ҳамчун пешниҳод ишора намудем:

1. Дар рисола бо баъзе хатогиҳои техникӣ дучор мешавем, ки ба мазмун ва муҳтавои таҳқиқот таъсири манфӣ мерасонанд, масалан, дар мундариҷа ва ҷобаҷогузории зербобҳо;
2. Матни диссертатсия таҳрири ҷиддиро талаб менамояд;
3. Дар зербоби якуми боби якуми диссертатсия мебоист диссертант аз муҳаққиқони ватанӣ ҳамчун такягоҳ дуруст истифода мебурд;
4. Дар зербоби дуюми боби дуюми диссертатсия диссертант матни зербобро пурра пешниҳод намудааст, аммо хуб мешуд пайдарҳамии мафҳумҳоро ба инобат мегирифт;
5. Баъзе калимаҳо дар шакли духӯрагӣ навишта шудаанд, масалан, калимаҳои "Авасто" ва Аҳурамаздо. Ин ду мафҳум бештар дар шакли додашуда оварда шудаанд ва дар саҳифаҳои 36,41,57. Аҳуро Маздо нишон додашуда, дар саҳифаҳои 36,37,54. бошад Авесто навишта шудааст;
6. Пайдарҳамии рӯйхати адабиёт дуруст ба роҳ монда шудааст, аммо технологияи библиографӣ дуруст ба роҳ монда нашудааст.

Камбудиҳои ишорашуда арзиши илмии рисоларо коста намегардонанд.

Дар маҷмӯъ, рисолаи **Азизов Комил Ҷурахонович** дар мавзӯи **"**Фалсафаи ифтихори миллӣ ва давлатдорӣ дар "Шоҳнома"-и Абулқосим Фирдавсӣ" ба талаботи пешбининамудаи бандҳои 10-16 "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016 зери №505 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.03-таърихи фалсафа сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
Номзади илмҳои фалсафа, дотсенти
кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии
ДДЗТ ба номи С.Улуғзода Сулаймонов Б.С.

Имзои Сулаймонов Баҳманёрро
тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳои
ДДЗТ ба номи С.Улуғзода Наҷмуддинов Ш.М.

ДОНИШГОҲИ ... ТОҶИКИСТОН БА НОМИ СОТИМ УЛУҒЗОДА
ШӮЪБАИ КАДРҲО